**Суратмаҷлиси №4**
ҷаласаи шурои диссертатсионии 6D. КОА-020
назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

аз 02 июни соли 2022 ш. Душанбе

Иштирок доштанд:
аз 15 нафар аъзои
шуро 14 нафар

**РӮЗНОМА:**

Қабул намудани диссертатсияи Олимиён Сабрина Шамсулло дар мавзуи «Нақши матбуоти даврии тоҷик дар тарғиби фарҳанги миллӣ» (дар мисоли нашрияҳои «Ҷумҳурият», «Ҷавонони Тоҷикистон», «Озодагон» ва «Миллат») барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.01.10 – Рӯзноманигорӣ (роҳбари илмӣ: доктори илми филология, дотсент Мухторӣ Қ.) ба экспертизаи аввалия ва таъйин намудани комиссияи экспертӣ.

**ШУНИДА ШУД:**

Ахбори раиси шурои диссертатсионӣ, д.и.ф., профессор Мақсудов Б. дар бораи ворид гардидани ариза, ҳуҷҷатҳо ва диссертатсияи Олимиён Сабрина Шамсулло ба шурои диссертатсионӣ.

**БАРОМАД КАРД:**

Котиби илмии шурои диссертатсионӣ, д.и.ф. Сироҷиддини Эмомалӣ маълумот дод, ки ҳуҷҷатҳо, автореферат (бо забонҳои тоҷикӣ ва русӣ) ва диссертатсияи ба шурои диссертатсионӣ пешниҳоднамудаи Олимиён Сабрина Шамсулло ба талаботи Низомномаи шурои диссертатсионии Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ гардидаанд, ҷавобгӯ мебошанд.

Бинобар ин, барои қабул намудани диссертатсияи мазкур ба экспертизаи аввалия ягон монеа вуҷуд надорад.

**ҚАРОР КАРДА ШУД:**

1. Диссертатсияи Олимиён Сабрина Шамсулло дар мавзуи «Нақши матбуоти даврии тоҷик дар тарғиби фарҳанги миллӣ» (дар мисоли нашрияҳои «Ҷумҳурият», «Ҷавонони Тоҷикистон», «Озодагон» ва «Миллат») барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.01.10 – Рӯзноманигорӣ ба экспертизаи аввалия қабул карда шавад.

2. Комиссияи экспертӣ дар ҳайати зерин таъйин карда шавад:

- **Саъдуллоев Ҷамшед Муллокомилович** – доктори илми филология, аъзои шуро, раиси комиссияи экспертӣ;

- **Абдуллозода Масрур Аҳмад** – доктори илми филология, профессор, аъзои шуро, аъзои комиссияи экспертӣ.

- **Муқимов Муҳамадӣ Аминович** – доктори илми филология, профессор, аъзои шуро, аъзои комиссияи экспертӣ;

**Қарор бо овоздиҳии ошкоро якдилона қабул карда шуд.**

Раиси шурои диссертатсионӣ,
доктори илми филология,
профессор Мақсудов Бадриддин.

Котиби илмии шурои
диссертатсионӣ, доктори
илми филология, профессор Сироҷиддини Эмомалӣ.